**ТАҚРИЗИ**
роҳбари илмӣ ба диссертатсияи
Шарипов Хуршед Алихонович

Соли 2005 факултаи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлобро бо ихтисоси «муаллими забони англисӣ» муваффақона хатм кардааст. Аз соли 2012 то ҳол ҳамчун ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кор мекунад. Забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисиро медонад. Муаллифи монография ва дастурҳои илмӣ-таълимӣ ва методӣ (“Луғатномаи китоби дарсии забони англисӣ(Н.А.Бонк, Г.А.Котий, Н.А.Лукянова)”( Д.: “Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ”, 2016), “Забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ (дастури таълимӣ-методӣ) ”(Д.: “Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ”, 2017), “Назарияи таълими забони англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ”-Д.:“Эр-Граф”,2019) ва якчанд мақолаҳои илмӣ.

Дар муддати кор аз болои диссертатсия Шарипов Х.А. худро ҳамчун мутахассиси донишманд, масъулиятнок ва бофаросат дар соҳаи тадқиқи масъалаҳои вобаста ба тахнологияҳои иттилоотӣ ва омӯзиши забони англисӣ нишон додааст. Қобили тазаккур аст, ки кори диссертатсионии Шарипов Х.А. ҳанӯз аз солҳои нахусти кору фаъолияти омӯзгориаш зимни хондани маърӯзаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ дар асосу заминаи мисолу намунаҳо сурат мегиранд, ки баъдан заминаи тадқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Муҳимияти мавзӯи диссертатсия вобаста ба он аст, ки даврai кунунии рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди иттилоотонии пуршиддати он тавсиф мешавад. Иттилоотонии таълим ҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷод ва беҳтар истифода бурдани ҷанбаҳои илмию педагогӣ, тарбиявӣ ва методологӣ, ки ба татбиқи имкониятҳои

технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), ки дар шароитҳои муассир ва солим истифода мешаванд, арзёбӣ мегардад. Аҳамияти махсусро қобилияти инсон нисбати эҷодкорӣ ва созандагӣ касб мекунад. Рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар оянда ба он оварда мерасонад, ки аксари шаҳрвандон машғул ба дарёфту дастрасӣ, ҳифзу нигоҳдошт ва коркарди иттилоот мегарданд. Вобаста ба ин талаботи воқеии гузариш ба тарзу воситаҳои электронии интиқол ва ҳифзи иттилоот дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ (тавлиду истеҳсолот, илм, таҳсилот) ба миён меояд, ки ин ҳама дар навбати худ раванди дарёфту дастрасӣ ва азхудкунии иттилоотро суръати нав мебахшад.

Шарипов Х.А. зимни иҷроиши тадқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту маҳорати мустақилона пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Унвонҷӯй барои ташаккули бархӯрди нав дар омӯзишу парвариши муҳассилин дар заминаи таълими забонҳои хориҷӣ (махсусан забони англисӣ) тавассути татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу татбиқи тадқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Ҳангоми пешбурди тадқиқоти диссертатсионӣ Шарипов Х.А. худро ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотгари мулоҳизакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм кунад, натиҷаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил намояд ва роҳу усулҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот муайян кунад. Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои таҷрибавӣ-экспериментали гузаронидаи муҳаққиқ Шарипов Х.А. дар робита ба истифодаи ТИК зимни таълими забони англисӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар 7 мақолаҳои илмии нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби муассисаи давлатии КОА-и назди президенти ҶТ инъикос ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ муҳаққиқ Шарипов Х.А.-ро ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф карда, таъйид кардан мумкин аст, ки метавонад мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо уҳда кунад.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ, тадқиқоти диссертатсионии Шарипов Х.А.-ро ба тариқи мусбат ва ҳамчун тадқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони англисӣ) тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
Корманди шоистаи Тоҷикистон,
профессори ДДК ба номи
Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ: Ҷ.Алимӣ

Имзои профессор Ҷ.Алимиро
тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ
ДДК ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ: Ф.Амиров